*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**СУФИЁИ ҶАННАТМИР**

# ТАҲҚИҚИ ҶАНБАИ ИҶТИМОИИ АШЪОРИ ХАЛИЛУЛЛОҲИ ХАЛИЛӢ

**Ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертасия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои филологӣ**

**Душанбе-2018**

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои филологӣ, профессор **Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз**

**Муқарризони расмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон **Аламхон Кучаров**

номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Мирзозода Зулфия Қурбоновна**

**Муассисаи пешбар:** **Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳимоя дар «1» октябри соли 2018, соати $15^{00}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА – 028 оид ба ҳимояи рисолаҳои илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисос доир ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор мегардад (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121).

Ба рисола дар китобхонаи илмӣ ва сайти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121), www.tqpu.tj шинос шудан мумкин аст.

Фишурдаи рисола « »_____________ соли 2018 фиристода шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот.** Яке аз масоили муҳими илми адабиётшиносӣ пажӯҳиши ҷанбаи иҷтимоии ашъори суханварон мебошад**.** Мушаххас намудани мавқеи иҷтимоии адиб дар ҷомеа барои муайян намудани муносибати ӯ нисбат ба ҳодисаҳои иҷтимоию сиёсии давр аҳамияти хосса дорад. Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар густариши адабиёт, ҳунар, ҷасорату ватандӯстӣ, ҳалли масъалаҳои мубрами зиндагӣ, даъват ба иттиҳод ва мубориза бо тафриқа, ривоҷу равнақи маориф ва таълиму тарбия, интиқод аз сиёсати нодуруст, хотимаи ҷанг, барҳам задани ихтилофоти қавмиву мазҳабӣ ва беадолатии иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти муҳоҷират ва ғайра дар адабиёти муосири Афғонистон аз моҳияти бузурги илмӣ бархурдор аст. Маҳз дар ашъори шоир ин масъалаҳо то ҷои имкон роҳи ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқ намудани ҷанбаи иҷтимоии ашъори Х.Халилӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва фарҳангӣ дорад, ки аз ҳадафҳои аслии рисолаи тадқиқотии мост. Дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Х. Халилӣ тадқиқоти монографии муфассал таълиф нашудааст, балки «дар бораи адабиёти муосири Афғонистон…, китобе, ки ба таври хронологӣ шеъру насри садаи XX-ро дар бар карда, ҷараёни инкишофи ин адабиётро баррасӣ намуда бошад, мавҷуд нест» [1, 37].

Халилуллоҳи Халилӣ – шоири ҷавлонгару орифи вораста бо таҷоруб ва андӯхтаҳои пурборе, ки аз фарозу фуруди зиндагӣ, аз осору афкори хирадмандон ва орифони некманиши гузашта касб намуда буд, ҳаммонанди он сухансароёни ростину башардӯст дар маҳдудаи ҷуғрофиёи сиёсӣ, забонӣ ва қавмӣ маҳсур нашуда, балки бо парвози баланди офоқиву ирфонияш ба дарди инсонҳои гуногун пардохта, бо садоқату устуворӣ, бо хирадмандӣ ва ҷавҳари сухани воло барои дармони ин дардҳо кору пайкор кардааст. Х.Халилӣ имрӯз дар Афғонистон ба унвони шоири маҳбуби миллӣ ва берун аз он ҳамчун суханвару сухансарои шаҳири Шарқ эътироф гардидааст. Завқи баланд ва истеъдоди худододӣ дар ниҳодаш чунон ба ҳам созгор омада буданд, ки калима ва иборaҳо «ҳама аз осмон бар вай меомаданд ва ӯ минҳайси котиб онҳоро сабт менамуд» [12, 3].

Дар шеъри Халилуллоҳи Халилӣ ҷанбаҳои ҳамосиву лирикӣ, ирфону дунявӣ дар ҳамбастагӣ ба назар мерасад, ки аз шоири донишманд ва пешкисват будани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Дар лобалои шеъри Х. Халилӣ кулли масъалаҳои рӯзгори инсонӣ бо назару нигоҳи як фарди огоҳ аз гузаштаву имрӯз ва ояндаи инсон ва дарки дурусти набзи зиндагии ҳаррӯзаи он дар либоси зебои бадеӣ ба зевари табъ кашида

шудааст. Назару нигоҳи Халилуллоҳи Халилӣ ба рӯзгори инсон некандешона ва некбинона аст, ки ин рисолати шоири воқеӣ ва шеъри асил аст. Таҳқиқи эҷодиёти ин шоири бомаҳорат нишон медиҳад, ки кулли ашъори ӯ аз нигоҳи шаклу мазмун ва дороиҳои забонӣ намунаи шеъри баланд аст ва худи ӯ шоирест навҷӯву навгӯй. Халилуллоҳ Халилӣ аз нахустин шоиронест, ки шеъри муосири дариро аз нигоҳи мӯҳтаво ва шаклу дарунмоя навигарӣ ва тозагӣ бахшидаанд. Ашъори ӯ аз шеъри дигар ҳамасронаш бо вусъати андеша, фарогирии мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумлаи ватандӯстӣ, ахлоқ, дин, маърифат, ҳамоса ва андешаҳои лирикӣ хеле ғанӣ буда, аз нигоҳи шакл, жанрҳои адабӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ вежагии махсус дорад ва сазовор бар тадқиқоти арзандаву пажӯҳиши ҷиддӣ аст. Ҳар андешаи танқидӣ, ки шоир баён доштааст ва ин масъалаҳо ҳарчанд ба таври назариявӣ баён шудаанд, вале аз моҳияти амалӣ низ бархурдоранд. Дар бисёр маврид шоир ҳамчун мунаққиди масъалаҳои иҷтимоӣ баромад кардааст ва андешаҳои ӯ то ҷое ба нақди иҷтимоӣ мегараванд ва ҳалли онҳо орзуи шоир аст.

“Бузургии Халилӣ нахуст дар он аст, ки ба муҳимтарин масъалаҳои замон посух ҷустааст, муҳтавои асосии замони худро дар ҳама фаъолияташ, пеш аз ҳама дар шеъраш мукаммалан ифода кардааст. На танҳо ба он сабаб, ки ба бисёр кишварҳои Шарқу Ғарб сафар карда ва дар баъзе аз онҳо чанд сол зиста буд, балки ба сабаби вусъати андеша ҳама замони худро фаро гирифт, ҳамаи дардҳои онро аз роҳи эҳсос ба забони шеър овард» [16,13].

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ.** То ҳоло дар Афғонистону Эрон ва Тоҷикистон таҳқиқоти зиёде дар мавриди осори устод Халилӣ сурат гирифтааст, ки дар шакли китобҳо, донишномаҳо, мақолаҳо ва ғайра мунташир шудаанд. Дар Афғонистон аввалин таҳқиқоти мушаххас китоби Абдулғафури Орзу “Нақди Халилӣ (гузориши гузаро дар ҷаҳоннигарии устод Халилӣ)” унвон дорад. Дар ин китоб паҳлуҳои мухталифи рӯзгору осори шоир баррасӣ гардидаанд. Абдулғафури Орзу Халилуллоҳи Халилиро пайвандгари ҳалқаи шоирон ва шеъри гузаштаву муосир ҳисобида, навгӯиҳову навовариҳои шоирро дар назми муосири Афғонистон бозгӯӣ кардааст [17]. Дар китоби Шоҳмуҳаммад Муслиҳ “Халилӣ қофиласолори шеъри муосири дарӣ” андешаҳои хуб дар бораи шеъри Халилӣ ва мавзӯву масъалаҳои мухталифи он оварда шудаанд [15].

Дар китоби Абдулғанӣ Барзинмеҳр “Амсолу ҳикам ва бархе ихтисосоти лафзиву маънавӣ дар шеъри устод Халилуллоҳи Халилӣ” мисолу зарбулмасалу пораҳои дигари шеърӣ таҳлилу баррасӣ

гардидаанд [3]. Рисолаи Назармуҳаммади Беҳрӯз “Ҳунари шоирии Халилуллоҳи Халилӣ” унвон дошта, дастоварди тоза дар шинохти ҳунари шоирӣ ва шеъри ин шоир маҳсуб мешавад [4]. Ғайр аз китобу рисолаҳои номбаршуда мақолаву тақризҳои зиёд, ки ба нақду баррасии осори Х.Халилӣ бахшида шудаанд, бисёранд. Ин ҷо метавон пешгуфторе, ки ба девони ашъори шоир аз ҷониби Салоҳуддини Салҷуқӣ нигошта шуда ва ба ибтикори Муҳаммадкозими Козимӣ дар пешгуфтори девони ашъор ҷой дода шудааст [21] ва пешгуфтори Абдулҳайи Хуросонӣ [20] - ро ном бурд, ки аҳамияти хуби назариявӣ ва амалӣ доранд. Салоҳуддини Салҷуқӣ дар баробари баҳо додан ба нақши Х.Халилӣ дар адабиёти муосири форсӣ, махсусан ватандӯстӣ ва озодипарастии ӯро таъкид карда, Халилиро шоири замони муосир меҳисобад [21,31]. Дар пешгуфтори “Девони ашъори Халилӣ” Муҳаммадкозими Козимӣ масъалаҳои рӯзгору осори шоирро дар назми муосир баррасӣ карда, сабки эҷодиёти ӯро дар байни сабки хуросонӣ ва ироқӣ ҷой додааст [21, 50-51].

Дар Афғонистон дар бораи рӯзгору осор, масъалаҳои мухталифи эҷодиёти шоир, мавзӯъҳо, сабки баён ва нақду баррасии паҳлуҳои гуногуни ашъори Х.Халилӣ андешаҳои хурду миёнаи дигар низ ба назар мерасанд, аз моҳияти илмӣ бархурдоранд. Ин андешаҳои Абдулқаюми Қавим, Асадуллоҳи Ҳабиб, Шуҷоуддини Хуросонӣ, Муҳаммадҳайдари Жубал, Мижгон Усмонӣ, Зоҳида Ғафурӣ, Муҳаммадҷаъфари Ранҷбар, Абдураҳмони Пажвок, Восифи Бохтарӣ, Мавлоӣ Муҳаммад Сарвар, Муҳаммадусмони Сидқӣ, Умедвори Ҳиротӣ, Форёбӣ Пӯё ва дигарон мебошанд, ки дар китобҳои мухталиф дарҷ ёфтаанд. Дар Эрон ба ҷуз китоби Муҳаммад Сиёсӣ “Халилӣ шоири Афғону Эрон” [14] рисолаи алоҳида ва тадқиқоти дигари монографӣ дар бораи ашъор ва шахсияти Халилуллоҳи Халилӣ ба назар намерасад. Зарур ба таъкид аст, ки андешаҳои зиёди баённамудаи донишмандони эронӣ (С.Нафисӣ, Б.Фурӯзонфар, Фаридуни Ҷунайдӣ, Ҳабиби Яғмоӣ, Гарморӯдӣ Алии Мӯсавӣ, Носир Сармади Порсо, Ғуломҳусайни Юсуфӣ) дар бораи рӯзгору осори Халилуллоҳи Халилӣ асосан ба тарзи мақолаҳои адабӣ баён гардида, бештар хусусияти нақливу баёниявӣ доранд, на илмиву тадқиқотӣ [23].

Ба таҳқиқи ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар кишварҳои Ҳиндустон ва Покистон муҳаққиқон Шарифҳусайни Қосимӣ [23] ва

Орифи Навшоҳӣ [24] саҳм доранд. Шиносоии аввалини хонандаи тоҷик бо ашъори устод Халилӣ тавассути нашри китобчаи «Шоирони Афғонистон», [25] оғоз шудааст. Дар Тоҷикистон якчанд корҳои пажуҳишӣ – тадқиқотӣ дар бораи рӯзгору осори Халилуллоҳи Халилӣ ба анҷом расидаанд. Профессор Х.Асозода дар китобҳои “Адабиёти садаи

XX-и форсии тоҷикӣ” [1] ва “Адабиёти форсӣ ва се шохаи он” [2] роҷеъ ба назму насри Халилӣ андешаҳои ҷолиб баён доштааст, ки дар шинохти моҳияти эҷодиёти шоир сухани тоза ва наванд. Рисолаи номзадии Б.Юсуфов “Рӯзгор ва осори сиёсии Халилуллоҳи Халилӣ” [26] ва мақолаҳои нашркардаи ӯ ба таҳқиқи рӯзгору осори шоир бахшида шудаанд. Мақолаҳои Ҷ.Саидзода “Рӯдакӣ ва Халилӣ”, “Иқбол ва Халилӣ” ба омӯзиши масъалаҳои анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири форсӣ ва нақши ин шоирон дар он нигошта шудаанд. Ба андешаи Ҷ.Саидзода:“Иқбол ва Халилӣ рисолати тарихии худро дар он дидаанд, ки ҳамватанони худро аз хоби ғафлат бедор карда, ба сӯи илму дониш равона созанд” [18,14]. Қайдҳои ҷудогона оид ба ашъори Х.Халилӣ дар тадқиқоти донишмандону шоирон ва адибони дигари тоҷик, аз ҷумла: (Гулрухсор, М.Қаноат, Қудратов Р, Мирзоев С, А.Ҳаким, Х.Шарифов, М.Шакурии Бухороӣ, дар китобномаи “Ориёсуруд” [23], ва асару мақолаҳои Мирзоев С. [13], Саидов С. [19] ба назар мерасанд, ки дар шинохти ашъору симои шоир маводи заруриро фароҳам овардаанд. Дар Тоҷикистон ду маҷмӯи ашъори Халилуллоҳи Халилӣ бо номҳои “Ориёсуруд” (с. 2006) ва “Ёри ошно”(с.2010) ба алифбои кириллӣ ва арабӣ ба нашр расидаанд. Дар давлатҳои Аврупо ва Россия ҳарчанд роҷеъ ба Х.Халилӣ тадқиқоти мушаххас сурат нагирифтааст, вале оид ба эҷодиёти ӯ дар ҳамаи китобҳои таърихи адабиёти муосири Афғонистон сухан рафтааст [6, 7, 8, 9, 10].

**Ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқ**. Ҳадафи аслии ин рисола ироаи шинохти дақиқу ҷомеъ аз шахсияти адабӣ ва таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори устод Халилуллоҳи Халилӣ аст, чунки то ҳоло ин паҳлуи ашъори ӯ ба шакли алоҳидаи монографӣ баррасӣ нагардида-

аст. Вобаста ба ин андеша ҳалли мушаххаси масъалаҳои зеринро зарур медонем:

-муайян кардани санаҳои дурусти рӯзгори Халилуллоҳи Халилӣ;

-дар асоси маводи осори шоир ва иттилои сарчашмаҳо муайян кардани мақоми Халилуллоҳи Халилӣ дар адабиёти муосири форсии-дарӣ;

-омӯзиши вижагиҳои осори Халилӣ дар асоси нусхаҳои девони ашъори шоир;

-муайян кардани қолабҳои шеърӣ, сабки баён;

-мушаххас намудани ин нукта, ки Халилӣ оғозгари шеъри Нимоӣ дар адабиёти муосири Афғонистон аст;

-таҳлили ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилӣ аз нигоҳи мавзӯъ.

**Объекти тадқиқ.** Объекти тадқиқ дар рисола муҳити адабии адабиёти муосири форсии дарӣ дар Афғонистон, андешаву орои муҳаққиқони адабиёти муосири форсии дарӣ ва ашъори шоирони

Афғонистон, ки ҳамсангару ҳамнасли Х.Халилӣ будаанд, мебошад. Инчунин, фазои иҷтимоии Афғонистон ҳамчун объекти тадқиқ ба баррасӣ гирифта шудааст.

**Предмети тадқиқ.** Предмети асосии тадқиқ дар рисола се "Девони ашъор"- и шоир мебошанд:

1.Халилуллоҳи Халилӣ. Куллиёти ашъор. Ба кӯшиши Абдулҳайи Хуросонӣ .-Теҳрон: нашри "Балх", 1378ҳ.ш.(1999 м.).

2.Халилуллоҳи Халилӣ.Девони ашъор.Бо муқаддимаи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ.-Теҳрон: интишороти "Ирфон", 1378 ҳ.ш. (1999 м.).

3.Халилуллоҳ Халилӣ.Девони ашъор.Таҳия ва танзими Салоҳиддини Салчуқӣ. Ба кӯшиши Муҳаммадкозими Козимӣ. –Теҳрон: нашри "Ирфон", 1385 ҳ. (2006 м.). Аз ин девонҳои шоир ашъори ба масъалаҳои иҷтимоӣ бахшидаи ӯ дар алоҳидагӣ вобаста ба мавзӯву мӯҳташояшон баррасӣ гардидаанд.

**Навовариҳои рисола.** Дар рисола бори аввал ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ ба таҳлили ҳаматарафаи монографӣ гирифта шудааст. То ҳоло муҳтавои осори Халилӣ, қолабҳои шеърӣ, ва оғозгари шеъри Нимоӣ будани Халилӣ дар адабиёти муосири Афғонистон таҳқиқу баррасӣ нагардидааст. Инчунин, дар рисола бори аввал аз нигоҳи мавзӯъ ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилӣ ба пажуҳиши ҷиддӣ кашида шудааст. Дар ҷараёни кор таъсири ҳамаҷонибаи эҷодиёти Халилӣ ба густариши адабиёти муосири форсии дарӣ ва нақши ӯ дар таҳкими робитаҳои адабии халқҳои ҳамҷавор таҳқиқ гардидааст.

**Аҳамияти назарии рисола.** Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи эҷодиёти Халилуллоҳи Халилӣ на танҳо барои дарки моҳияти аслии ҷойгоҳи сухани ӯ зарур аст, балки барои маърифати ҳадафи шоир, муайян кардани нақшу мақоми ӯ дар густариши адабиёти муосири форсии дарӣ, инчунин нишон додани қонунмандиҳои инкишофи адабиёт дар марҳилаи муайян арзиши махсусро қоил аст. Инчунин, рисолаи мазкур метавонад он камбуду холигоҳ, ки доир ба эҷодиёти шоир дар китобҳои дарсии таърихи адабиёт ба забони дарӣ ҷой дошт, пур кунад.

**Аҳамияти назарии рисола.** Натиҷаҳои тадқиқот метавонад дар навиштани китобҳои таърихи адабиёти форсӣ- дарӣ, китобҳои дарсӣ, курсҳои назариявӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, инчунин, барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз адабиёти муосири форсӣ ва адабиёти халқҳои форсизабон мавриди истифода қарор бигиранд. Ҳамчунин, дастовардҳои рисолаи мазкурро метавон дар раванди таҳқиқи робитаҳои адабӣ ва фарҳангии Афонистон бо давлатҳои дигар истифода кард.

**Методология ва усули тадқиқот.** Асоси методологии тадқиқот ба равиши таърихӣ ва таҳлили муқоисавӣ сурат гирифтааст. Дар рисола

ҳангоми баррасии мавзӯъ аз нуктаҳои назариявӣ ва амалии донишмандони барҷаста Д.С.Лихачев, М.М.Бахтин, Н.И.Пригарина, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Абдулқаюми Қавим, Абдулғафури Орзу, Саид Нафисӣ, Маликушшуаро Баҳор, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Сируси Шамисо, Абдунабӣ Сатторзода, Худоӣ Шарифов, Абдуҷаббор Раҳмонов ва дигарон суд ҷустаем.

**Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- Халилуллоҳи Халилӣ дар эҷодиёти худ бо истифода аз анъанаҳои адабӣ ва эҷодиёти шоирони салаф дар шеъри муосири Афғонистон дар мавзӯъ ва ғоя навгӯиву навҷӯиҳои зиёд кардааст.
- шеъри Х.Халилӣ аз нигоҳи сабку услуб навоварона аст, вале дар адабиёти муосири Афғонистон ӯ ҳамчун шоири оғозгари шеъри Нимоӣ эътироф гардида, бештар дар сабки хуросонӣ эҷод кардааст.
- дар ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар баробари мавзӯву муҳтаво ҷанбаи иҷтимоии он хеле пурқувват аст, ки тавассути он шоир андешаҳои ислоҳотхоҳона ва пешқадами худро баён доштааст.
- мавзӯъҳои ватан, маориф, даъват ба иттиҳод, мубориза бо тафриқа, интиқод аз сиёсат, ситоиши муҷоҳиддину размандагон, ихтилофоти қавмӣ, ранҷи ғурбат ва мушкилоти муҳоҷират аз масъалаҳои меҳварии ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ мебошанд. Аз ин рӯ, лирикаи гражданӣ дар шеъри ӯ ҷойгоҳи хос дорад.

**Дараҷаи дастрасӣ ва апробатсияи натиҷаҳои тадқиқот**. Рисола дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (протокол №10, аз 24 феврали соли 2017) муҳокима ва ба дифоъ пешниҳод шудааст.

Мундариҷаи асосии рисола дар 3 мақолаи нашрнамудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмие, ки дар рӯйхати КОА Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт шудаанд, ифодаи худро ёфтаанд, ки дар охири фишурда (автореферат) оварда шудаанд. Нуктаҳои ҷудогонаи рисола дар гузоришҳои илмии ҳарсолаи унвонҷӯ, дар семинару конфронсҳои анъанавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (солҳои 2015-2017) инъикос ёфтаанд.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва китобнома иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола аз 159 саҳифа иборат аст.

## Мундариҷаи асосии рисола

Дар **муқаддима** аҳамияти мавзӯи тадқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиш ва мақсаду вазифаҳои тадқиқ муайян гардида, тавсифи сарчашмаҳо ва усули тадқиқ баён шуда, навгониҳо, моҳияти назарӣ ва амалии рисола нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** рисола **"Мухтасари шарҳи ҳол ва осори Халилуллоҳи Халилӣ"** унвон дошта, аз 6 фасл фароҳам омадааст. Фасли якуми боби

якуми рисола **“Мухтасари шарҳи ҳоли Халилуллоҳи Халилӣ”** ном дорад ва асосан ба омӯзиши масъалаи рӯзгори шоир бахшида шудааст. Халилуллоҳи Халилӣ дар моҳи шавволи соли 1325 ҳ.ш. (мутобиқ ба моҳи ноябри соли 1907 м.) дар Боғи Ҷаҳонорои шаҳри Кобул ба дунё омадааст. Халилӣ хондану навиштанро дар назди падари худ омӯхтааст. Замони кӯдакии Х.Халилӣ хеле пуразоб паси сар шудааст ва мушкилоти рӯзгори ин оила баъд аз куштани падарашон оғоз шуда, муддати зиёд давом мекунад. Бештар аз як сол дар зиндонҳои махсус Халилуллоҳи Халилӣ ранҷу машаққати зиёдеро таҳаммул кард ва осори ин азобу уқубатро дар қасидаи «Оҳи нимшаб» баён кардааст:

***Оҳе, ки нимшаб занад аз сина сар ҳаме,***
***Аз торами сипеҳр намояд гузар ҳаме.***
***Ҷарёни сели хун набувад ифтихори мард,***
***Мард он бувад, ки хушк кунад чашми тар ҳаме… (21,765)***

Х.Халилӣ ибтидои солҳои шастуми мелодӣ, ки дар Қандаҳор табъид буд, вобаста ба сафари подшоҳ Шоҳмаҳмудхон қасидаи “Равоқи оворагон ё арзи ҳол”-ро навишта ба ҳузури ҳоким мерасонад:

***Фигон зи сангдилиҳои ин сипеҳриануд,***
***Ки ҷои марҳам ба захми ман намакҳо суд.***
***Ба коми ман резад ба ҷои шаҳд шаранг,***
***Ба чашми ман ҳама орад ба ҷои машъал дуд…***
***…Кунун ба сояи адли ту оварем паноҳ,***
***Ки Эзидат дили пурлутфу меҳрубон бахшуд…(21,122-123)***

Ин қасида, ки аз нигоҳи мавзӯъ қасидаи шиквоия аст, як саҳифаи рӯзгори нобасомони шоирро дар он рӯзгори пурмоҷаро ифода мекунад. Ва дар мисраи «Кунун ба сояи адли ту оварем паноҳ» аз шоҳи вақти Афғонистон рифоҳияти зиндагиро орзу дорад. Пас аз муддате Халилиро афв карданд ва дар Кобул ӯ ба сифати муовини раёсати Пуҳантун муқаррар шуд. Баъдтар дар мақоми муншии садорат, Раиси мустақили матбуот низ ифои вазифа намудааст. Х.Халилӣ аз ибтидои солҳои шастум дар вазифаҳои мухталифи давлатӣ ифои вазифа дошт ва баъдан ҳизби «Ваҳдати миллӣ»-ро таъсис дод. Фаъолияти Х.Халилӣ ба зимомдорони вақт писанд набуд ва ӯ маҷбур гардид, ки тарки ватан кунад. Вай ба ҳайси сафири Афғонистон ба Ҳиҷоз омад ва дар даврони ҳукуматдории Довудхон ба ҳайси сафири Афғонистон дар Ироқ гумошта шуд, ки дар айни ҳол сафири ғайримуқими Афғонистон дар Сурия, Баҳрайн, Кувайт, Урдун ва Катар низ маҳсуб мешуд. 27 апрели соли 1978 дар Афғонистон табаддулоти давлатӣ ба вуҷуд омад ва ҳукумат ба дасти Нурмуҳаммад Таракӣ гузашт. Баъди андак замоне Ҳафизуллоҳ Амин Н.Таракиро ба қатл расонда, ба сари хукумат омад ва ҳазорон нафарро ба қатл расонд ва даҳҳо ҳазор нафари дигарро дар маҳбас андохт, ки дар

натиҷа мардуми азияткашида ба муқобили ин ҳокимият даст ба ошӯбҳо заданд. Чунин ҷараён гирифтани воқеаҳо барои Х.Халилӣ носозгор буд ва ӯ садоқату вафодории худро ба ҳокимияти пештара нишон доданӣ шуда, аз вазифаи сафириаш даст кашид. Вай бо хотима додани маъмурияташ дигар кӯшиши ба ватан баргаштан ҳам накард. Ӯ бо ёрии доираҳои фарҳангӣ ва илмии Бағдод аввал ба Олмон ва баъд ба Амрико ҳиҷрат намуд. Х.Халилӣ баъд ба Пешовари Покистон омад ва умри боқимондаи худро бо рӯзгори пур аз ғаму дард ва мусибатҳои ҳамватанони муҳоҷираш шарик гардонид. Х.Халилӣ 5 майи соли 1987 дар Пешовари Покистон аз дунё даргузашт ва дар қабристони муҳоҷирони он ҷо ба хок супорида шуд.

Дар **фасли дуюми** боби якуми рисола, ки «**Осори Халилуллоҳи Халилӣ»** ном дорад, мӯҳтавои асарҳои боқимондаи Х.Халилӣ баррасӣ гардидаанд. Осори офаридаи Халилуллоҳи Халилӣ дар назму наср, таърих, нақди адабӣ, тасаввуф ва дигар соҳаҳои илм, ки ба забонҳои форсиву арабӣ навиштааст, зиёда аз 50 асарро ташкил медиҳад. Абдулҳайи Хуросонӣ 9 асари Халилиро дар шакли мусаввада, 32 асари дигарро аз ҷумлаи таҳқиқотӣ мансуб дониста, боқимондаи осори ба меросмондаи ӯро доир ба назму наср медонад. Вале ин теъдод ҳанӯз ҳам шумораи пурраи осори устод Халилиро муайян карда наметавонад, зеро мақолаҳои зиёде, ки дар матбуоти Кобул, Ҷидда, Бағдод, Кувайт, Туркия, Сурия, Эрон, Қоҳира ва Покистон доир ба сиёсатшиносӣ, равобити адабӣ, фарҳангӣ ва таърихии ин мамолик бо гузашта ва имрӯзаи Афғонистон доштанд, ба ҳисоб гирифта нашудааст ва кори оянда аст. Халилуллоҳи Халилӣ дар ҳаёти адабию илмии Афғонистон бо эҷоди осори гаронбаҳояш нақши хеле муассир гузошт. Зикри осори адабӣ ва таърихии Х.Халилӣ дар рисола оварда шудааст. Қобили ёдоварӣ аст, ки аксари достонҳову маснавиҳои ба таври алоҳида чопшуда баъдҳо дар «Девон»-ҳои Х. Халилӣ ҷой дода шудаанд. Х.Халилӣ на фақат шоири бузург, балки ҳамчун нависанда, муаррих ва олими пухтакору сиёсатмадор низ аз тарафи муҳаққиқону донишмандон эътироф шудааст.

Дар **фасли сеюми** боби якум, ки «**Вижагиҳои муҳтавои осори Халилӣ»** ном дорад, ба таври мушаххас муҳтавои осори Х.Халилӣ баррасӣ гардидаанд. Баҳс дар мавриди вежагиҳои муҳтавои ашъори Х.Халилӣ аз ҷиҳатҳои мухталифи қобили диққат ва тааммул аст, чун устод бар иловаи сурудани ашъори ғиноӣ ва баёни сӯзу гудози ошиқона дар ашъораш табиатан як шоири сиёсӣ ва мардумгаро аст ва ба ҳар сурат бояд гуфт, ки дар ашъори Халилӣ сӯзу фироқи ошиқона, тааммулоти орифона, ниёишҳои зоҳидона, аз гузашти рӯзгорони талх

аст, ки хунобаҳои дил ва доғи ҷигарпораашро берун мерезад. Шеъри Халилӣ фарёди оҳест, ки то осмон қомат кашидааст.

Халилӣ аз нахустин сурудааш, ки марсияест дар шаҳодати падар то вопасин офаридаҳояш андӯҳеро ба наво овардааст, ки бар ӯ таҳмил шуда ва озодиро фарёд задааст, ки аз ӯ дареғ доштаанд:

***Нола ба дил шуд гиреҳ, роҳи найистон куҷост?***
***Сина қафас шуд ба ман, тарфи биёбон куҷост? [21, 250]***

Халилӣ саройишгари андӯҳу озодӣ аст ва дар ростои ҳусули озодии ҳақиқӣ ва наҷоти инсон аз занҷирҳои асорат ва дармондагию бардагӣ месароид. Аз ановин ва муҳтавои ҳама порчаҳои шеъраш андӯҳ метаровад ва фарёди озодӣ мерезад. Касе, ки аз дарди Халилӣ огоҳ нест, шояд ангорад, ки Халилӣ аз ҷафои маъшуқ менолад, аммо ошноён ғами бузурги ӯро, ки то охири умр раҳояш накард, хуб мешиносанд. Ба ин унвонҳо таваҷҷуҳ намоед, ки сарлавҳаи чанде аз ғазалҳои ӯст: «Ҷойи оҳ», «Ҷанозаи мазлум», «Тобиши шамшер», «Қатраҳои хуншуда», «Зиндон», «Дили хунин», «Фарёди ҷунун» ва ғ.

Халилӣ бо он ки муддате дар дарбор зист, аммо ҳаргиз мадҳ нагуфт ва хешро ба хотири ба даст овардани вазифаву мақоме залил насохт ва ҳатто шоҳи замонро чунин мухотаб сохт:

***Гар гӯям умрат аз ҳазор афзун бод,***
***қавлест хато,***
***Вар гӯям кохи душманат вожун бод,***
***ин нест дуо.***
***Умеди ман он аст, ки дар рӯзи ҷазо,***
***дар пеши Худо,***
***Номат ба шумори одилон мақрун бод,***
***ин аст дуо. [21, 534]***

Дар ин рубоии мустазод шоир андешаи худро ба таври пардапӯшона, вале самимона баён медорад, ки аз нигоҳи мантиқ ва калому таносуби сухан хеле зебост. Яке аз вижагиҳои муҳимми шеъри Халилӣ гироиш ба муштаракоти фарҳангӣ бо дигар ҷаҳони ислом аст ва яке аз дигар вижагиҳои дигари осори Халилӣ воқеъбинӣ ва бедориаш нисбат ба авзои замона аст.

**Фасли чаҳоруми** боби якуми рисола **“Қолабҳои шеърӣ”** ном дорад. Х.Халилӣ дар ҳама қолабҳои шеърии забони форсӣ-дарӣ таҷрибаҳои дурахшон дорад, аммо бештари корҳояш дар қолабҳои қасидаву ғазалу дубайтӣ мебошад, ки дар ин қолаб бисёр бо тавоноӣ ба баёни андешаҳои хеш мепардозад. Аз назари муҳтаво бештар муваффақияти ӯ дар шеърҳои иҷтимоӣ аст, яъне осоре, ки дар онҳо ба масоили мардум ва ҷомеаи рӯз ишора мекунад. Бидуни тардид Халилуллоҳи Халилӣ машҳуртарин шоири муосири Афғонистон аст. Ӯ шоирест дар қолаб

куҳангаро ва дар баён навандеш, аз сӯе ворисӣ суннати зебоишиносии қадим аст ва ба ҳамин эътибор ба фасоҳату устувори забон аҳаммият медиҳад ва аз сӯе бинобар табъи навҷӯи худ кӯшидааст, дар ҳамон чорчӯби қолаби куҳан навовариҳое ба харҷ диҳад ва дар ин масир аз корбурди қолабҳое мисли чорпора ҳам парҳез накардааст. Дарунмояи шеъри Халилиро ҷудо аз тавсифҳо ва ситоишҳои мазҳабию сиёсӣ ва ихвонияҳое, ки бинобар суннат дар шеъри ҳамаи акрони ӯ дида мешаванд, мафоҳими сиёсӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳад. Восифи Бохтарӣ дар ин бора мегӯяд: «Нахустин шеърҳои ҷиҳодӣ, ки ба номи шеъри муқовамат ба Афғонистон расид, аз устод Халилӣ буд, монанди мустазоди «Эй вой, ватан, вой, ватан» ва чанд қасидаи дигар, ки дар Америка суруда шуда буданд» [5, 23]. Х.Халилӣ ҳамчун шоири тавоно ва суннатгаро дар қолабҳои мухталифи шеърӣ, аз ҷумла дар сурудани қасида, ғазал, чаҳоропора, таркиббанд, қитъа, рубоӣ ва ғ. дасти тавоно дошта, барҳақ дар адабиёти муосири Афғонистон ҳамчун аввалин шоир, ки шеъри Нимоӣ сурудааст, эътироф гардидааст, аммо бештари шеъри ӯро ашъори суннатӣ ташкил медиҳад.

**Фасли панҷуми** боби якуми рисола **"Сабк ва баён"** унвонгузорӣ шудааст. Х. Халилӣ дар шеър дорои сабки хос аст, сабки ӯ агар дақиқ баррасӣ шавад, бештар ба сабки шоирон классики мо, махсусан ба сабки ҳиндӣ, яъне ба сабки Бедили Деҳлавӣ мемонад. Чунончи, аз лобалои баргаҳои зиндагии Халилӣ равшан мешавад, ӯ ба Бедил бисёр алоқа доштааст. Халилӣ ба унвони шоири бузург, бештар аз ҳама, аз рамзу рози мусиқии вожаҳо огоҳ аст. Аз ҳамин рӯ бе он ки аз такрораи ҳиҷоҳо, калимот ва ҷумлаҳо, ки зояндаи мусиқӣ дар каломанд, зиёд истифода кунад, каломаш аз як оҳанг ва мусиқии маввоҷи дарунӣ мутаранним аст.

Аз нигоҳи забон Халилӣ тасаллути комил бар он дорад. Вожаҳои забон дар ихтиёри ӯ ва ба фармони ӯ ба роҳатӣ ҳаракат мекунанд. Аз лиҳози ҷаҳонбинӣ пайванди ӯ бо идеологияи исломӣ ва ирфон ва тасаввуфи исломӣ буъди азими шахсияти ӯро месозад. Донишмандон Абдуқаюми Қавим [11,45], Абдулғафури Орзу [17,25] ва Назармуҳаммади Беҳрӯз [4, 6] мисли дигар муҳаққиқон тарафдори сабки хуросонӣ будани Х. Халилиро ҷонибдорӣ мекунанд ва ӯро устоди беназири сухани муосир ҳисобидаанд. Аз ин миён Абдулғафури Орзу чунин таъкид мекунад, ки «дар ашъори ӯ дар радифи сабки хуросонӣ унсурҳои миллӣ зиёданд, инчунин дар шеъри ӯ шару шӯри тасаввуф ва ғамгинии сабки ироқӣ ба назар мерасад» [17,25]. Аз нигоҳи мавзӯъ ашъори Х.Халилӣ ҳама масъалаҳои рӯзгори инсонро фаро мегирад, ки ба ин масоили иҷтимоӣ шоир нигоҳи хос ва сабки вежаи баёнро дорост. Х.Халилӣ дар сабки баёнаш хеле серталаб аст, ки аз нигоҳи мазмуну ғоя ва шаклу муҳтаво

суханаш дар пояи баланд қарор дошта бошад. Албатта, барои он ки шаклу мазмуну ғояву мундариҷаи сухани Х.Халилӣ таъсиргузор бошад, он тавассути саноеи мухталифи бадеӣ ва забони ширини форсии дарии тоҷикӣ баён ёфтааст, ки дар маснавиҳо, қасидаҳо, ғазалҳо, таркиббандҳо, чаҳорпораҳо, рубоиёт ва дубайтиҳояш ифода ёфтаанд.

Фасли шашуми боби якуми рисола **“Халилӣ оғозгари шеъри Нимоӣ”** унвонгузорӣ шудааст. Яке аз барҷастагиҳои адабии Халилӣ ин аст, ки ӯ аввалин бор дар Афғонистон шеъри Нимоиро мутобиқ ба пешниҳодҳои Нимо Юшиҷ ироя кард ва суруд. Шеъри маъруфи Халилӣ бад-ин гуна мебошад:

***Шаб андар домани кӯҳ,***
***Дарахтон сабзу анбӯҳ.***
***Ситора равшану маҳтоб дар партавфишонӣ,***
***Шаби ишқу ҷавонӣ.***
***Миёни сабзаву гул,***
***Нишемангоҳи булбул,***
***Зи дур ояд садое чун суруди осмонӣ***
***Зи найҳои шубонӣ.***
***Фарози кӯҳсорон,***
***Қадамгоҳи гизолон,***
***Қадамгоҳи гизолонро кунам гавҳарфишонӣ… [22, 530]***

Ин шеър ки аз 24 мисраъ фароҳам омадааст, шеъри хуби ба равиши Нимо Юшиҷ навиштаи шоир аст, ки аз таҷрибаҳои аввалини ӯст, ва хеле зебост, ки аз мисраи аввал то охир таносуби сухан, таносуби мисраъҳо ва ҳамоҳангии мазмуну муҳтаво хуб ба назар мерасад. Н.Беҳрӯз Х. Халилиро барҳақ «асосгузори шеъри нав дар Афғонистон меҳисобад, ки ӯ дар шеър ба қофия диққати бештар дода, ба субут расонидааст, ки ӯ аз устодони боистеъдоди шеъри муосир аст» [4, 3]. Ин шеър яке аз зеботарин шеърҳо дар мавзӯи ишқ аст ва як лаҳзаи васли ошиқро бо маъшуқ нишон диҳад ҳам, вале дар лобалои худ ҷаҳони зебоеро, ки пуропури завқу нишот аст, бад-ин зебоии отифона ифода мекунад. Дар ин шеър қофияи сареҳ корбаст гардидааст, ки аз гулвожаҳои **кӯҳ, ҷавонӣ, гул, булбул, шодмонӣ** ва ғ., инчунин, қофияҳои таркибӣ, ба мисли: **суруди осмонӣ, найҳои шубонӣ, фарози кӯҳсорон, қадамгоҳи ғизолон, лолаҳои арғавонӣ, ёқути румонӣ** ва монанди инҳо фароҳам омада, ба шеър як симфонияи нозуки махмалин ва зебогӣ афзудаанд.

Боби дуюми рисола **“Ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилӣ”** унвон дошта, аз 11 фасл фароҳам омадааст. Фасли якуми боби дуюми рисола **“Мавзӯи ватан ва диёр”** ном дорад. Мавзӯи ватан, диёр ва ватандӯстӣ аз мавзӯъҳои меҳварии ашъори шоир аст. Ишқи Халилиро ба ватан

метавон дар ин шеър ба хубӣ дарёфт, ки чи гуна ишқ ба ватанро ҷанбаи тақдис медиҳад:

***Донад Худо, ки баъди Худо мепарастамат,***
***Ҳон, эй ватан, мапурс, чаро мепарастамат?***
***Зарроти ҳастиям зи ту бигирифтааст ҷон***
***Бо сад ҳазор ҷон ҳама ҷо мепарастамат. [20, 256]***

Ва он ки ишқи ватан дар сар дорад, ҳеч гӯшаи дунёро бо ватани худ муовиза намекунад. Шоир дар ҳар ҷо ва дар ҳар ҳоле, ки буда, бо ватанаш ба сар бурда ва ҳар гоҳе, ки бино ба далоиле дур аз ватан ба сар мебурда, боз ҳам ёди ватан дар дилаш зинда будааст. Вай замоне, ки сафири Афғонистон дар Ҷидда буд, худро дар банд медид. Ба ёди ватанаш метапиду месӯхт ва ин эҳсос дар ҷомаи ғазали зебову ҷовидонааш чунин таровиш кард:

***Нола ба дил шуда гиреҳ, роҳи найистон куҷост,***
***Хона қафас шуд ба ман, тарфи биёбон куҷост.***
***Ашк ба хунам кашид, оҳ ба бодам супурд,***
***Ақл ба бандам фиганд, рахнаи зиндон куҷост. [21,*** 250***]***

Халилӣ ватани хешро дӯст медошт ва ин ишқро дар ашъораш ба хубӣ метавонем дарёбем. Ӯ намехост, ки ватанаш дар зери суми сутурони бегонаҳо дард бикашад ва мардумаш дар қафаси истеъмор дар банд бошанд:

***Ватандори далери ман, бинозам чашми мастатро,***
***Ватан дар интизори бозуи кишваргушои туст.***
***Ба хок афган, ба хун тар кун, ба бодаш деҳ, дар оташ сӯз,***
***Аз ин бадтар чӣ мебошад, ки душман дар сарои туст. [21, 457]***

Фасли дувуми боби дувум **“Мақоми зан ва модар дар ашъори Халилӣ”** ном дорад. Дар адабиёти форсӣ-дарӣ зан ба унвони олиҳаи ҳусну зебоӣ, маъшуқаи хушгилу назарбаландест, ки ушшоқ ҳама ҳастии хешро фидои як каломаш, як саломаш, ҳатто як дашному ними нигоҳаш мекунанд, тасаввур мешавад. Дар достонҳои ҳамосии Х.Халилӣ ӯ қаҳрамонест, ки дар дифоъ аз ватану хонаводаву номусаш панҷа бар душман мезанад. Назди Халилӣ мавқеи модар дар ҷамъият аз ҳама болост. Абёти зерин ин маъниро ба хонанда ҷилвагар месозад, ки нақше, ки модар-зан дар рӯзгори хеш дорад аз ҳамаи офаридаҳои адибону мусаввирон болост:

***Гарчи ҳунарманд бувад чирадаст,***
***Сурати модар натавон нақш баст.***
***Сурати модар ҳунари Кибриёст,***
***Нодиранақше зи китоби Худост… [22, 631]***

Чуноне ки ба назар расид, симои модар бо он ҳама бузургияш, бо сурату сирати накӯву беназире, ки Худованд ба ӯ арзонӣ ато намудааст,

дар ин абёти аз ҷониби шоир воқеъбинона ба рӯи коғаз оварда шудааст. Дар қасидаи «Панҷшер ва Масъуди қаҳрамони он» модар ҳимояи нангу номуси худ ва тамоми мардуми ин кишварро ба дасти фарзандаш супорида, аз вай чун як нафар сарсупурдаи миллат талаб менамояд:

***Ки бод бӯсаи гармам ҳаромат, эй фарзанд,***
***Агар ба хун накунӣ лолагун лаби шамшер! [21, 144]***

Оҳанги мурочиати модар бахусус дар як байти ин қасида намунаи қаҳрамонии бемислу монандро дар худ таҷассум сохтааст. Мақому мавқеъ, матонату диловарӣ, ҳашамату бузургӣ ва дигар сифатҳои олии модар дар ашъори дигари ӯ воқеъбинона матраҳ гашта, бо салосат ва тахайюлоти баланди бадеӣ ҳаматарафа тавсиф гардидаанд.

Албатта, ҳамаи зиндагиномаи модар – зан чи дар ҳаёти воқеӣ ва чи дар нақшҳои офаридаи Х.Халилӣ, ки ба риштаи тасвир кашида шудаанд, аз ҳама таърифу тавсиф болотар меистад. Бо офаридани нақши модар-зан шоир пеш аз ҳама чизи дигар хостааст, ки он андешаву афкори ҷамъиятӣ - сиёсии худро ба арзи умум бирасонад. Зеро аз забони модар иброз намудани ин ақоиди шоир мазмун ва бадеияти шеърро баланд бардошта, онро муассир ба диққати хонанда пешкаш мегардонад.

Фасли сеюми боби дувум **“Мавзӯи маориф ва таълиму тарбия”** унвонгузорӣ шуда, дар ин фасл ашъори ба мавзӯи маориф таълиму тарбия бахшидаи шоир таҳлил гардидаанд. Х.Халилӣ яке аз шоиронест, ки таваҷҷуҳи шадиде ба маориф ва масоили таълиму тарбия доштааст. Шоир бахусус нақши муаллимро дар ҳаёти иҷтимоии кишвар зарурӣ медонад ва дар яке аз ғазалҳояш, ки «Ба пешгоҳи муаллим» унвон дорад, ба фарзандон хитоб карда, наҷот ёфтани онҳоро аз зулмоти бесаводӣ, ки дар дасти муаллим аст, муаллимро чунин васф менамояд:

***Кист медонӣ муаллим? Он ки нозад сарварӣ,***
***Бар ҳумоюн номи вай дар зери чархи чанбарӣ.***
***То абад овора мегардид дар саҳрои ҷаҳл***
***Хизри раҳбин, гар накардӣ ақли моро раҳбарӣ. [20, 308]***

Х. Халилӣ медонист, ки бархурдор шудан аз илм ва илмро барои пешрафту обод намудани ҷомеа истифода бурдан манфиатҳои зиёде ба бор хоҳад овард. Воқеан ватан ба хотири он ки обод шаваду пешрафт кунад, ба фарзандони далеру фарзонааш такя кунаду барои ҷомеа такягоҳ бошад, мебоист фарзандони ватан соҳибилм бошанд ва тавонову доно:

***Ҳаст ватан мунтазири кори ту,***
***Мутмаин аз фикрати бедори ту…***
***Мо ба умеди ту, ки доно шавӣ,***
***Марди ҳунарпешаи фардо шавӣ. [20, 477]***

Х. Халилӣ мисли Иқболу Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва дигар маърифатхоҳони аср аз пешрафти мамолики Ғарб, ҷавонони илмомӯзу ҳушёри ин кишварҳо тааҷҷуб намуда, аз дар дунёи ғафлату бесаводӣ, мондани мардуми Шарқ, ба хусус ҷавонон ангушти афсӯсу надомат мегазиданд.

***Ҳама бедору ту дар хоби гаронӣ то кай,***
***Ғофил аз сирри тараққии ҷаҳонӣ то кай.***
***Чашм бар роҳи камоли дигаронӣ то кай,***
***Ту ба ин пардаи торикӣ ниҳонӣ то кай? [20, 480]***

Х.Халилӣ низ ҳамчун як фарди ватандӯсту маорифпарвар мушкилоти зиёди ин масъаларо дар Афғонистон ба мушоҳида гирифта, роҳҳои аз ин мушкилот халос гардиданро дар пешбурди мактабу маориф медонад. Андешаҳои дар ин мавзӯъ баённамудаи Х.Халилӣ аз афкори дигар маорифпарварони Афғонистон фарқи кам дорад, вале тарзи ифода, пешниҳоду баёнияҳо ва хитобаву паёмҳои ӯ нисбат ба дигарон муассиртар аст.

Фасли чоруми боби дувуми рисола **“Даъват ба иттиҳод ва мубориза бо тафриқа”** унвонгузорӣ шудааст. Тафриқа ва адами иттиҳод дар кишвари Афғонистон асосан аз ду манзари ихтилофоти мазҳабӣ ва ихтилофоти қавмӣ қобили мутолиа аст. Х. Халилӣ дар ашъори худ нисбат ба хатароти тафриқа ҳушдор додааст. Дар таркиббанди “Ба боргоҳи Саъдӣ” ин маънӣ ба хубӣ мавриди накӯҳиш қарор мегирад. Маҳз Саъдиро мухотаб қарор додани Халилӣ аз чанд ҷиҳат аст ва яке асосӣ ин аст, ки Саъдӣ паёмбари ашъори ахлоқист:

***Саъдиё, дида кушо, ҳолати дунё бинигар,***
***Моҷарои дили овораи шайдо бинигар.***
***Башарият шуда девонаи худхоҳиву оз,***
***Ҳоли ин худкуши девонаи расво бинигар.... [20, 468]***

Шоир дар шеъри дигар аз номи бузургони адабиёти форсӣ-дарӣ Саноӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз сухан мегӯяд, ки ному сухани эшон мояи адлу дод ва мубориза бо тафриқа ва даъват ба иттиҳод аст:

***Андар ин дашт, ки гум карда башар роҳаширо,***
***Шукр, к-аз дур садои дили бедоре ҳаст.***
***Ғазна гар сӯхт, Саноӣ кунад овоз баланд,***
***Сӯхт гар шаҳри Ҳарӣ, Хоҷаи Ансоре ҳаст.***
***Шарқро ҳаст ба таърихи башар мояи ноз,***
***То дар он Мавлавию Ҳофизу Атторе ҳаст. [20, 471]***

Даъват ба иттиҳоду мубориза бо тафриқа ҳарчанд дар адабиёти форсии тоҷикӣ мавзӯи нав нест, вале дар шеъри Х.Халилӣ бо тобишу назари нав бозгӯӣ гардидааст. Шоир дар шеъри боло аз бузургони

миллати худ ёд мекунад, ки рӯҳи эшон ин марзу бумро нигоҳ медорад ва мухотаб қарор додани ин ашхос бесабаб нест ва мисраи “Шарқро ҳаст ба таърихи башар мояи ноз”, ифодагари рамзу рози ин шоири бедордил аст.

Фасли панҷуми боби дувуми рисола **“Интиқод аз сиёсат”** унвонгузорӣ шудааст. Дар шеъри Х.Халилӣ интиқод аз сиёсату сиёсатпешагон басомади зиёд дорад. Ба чи хотир шоир аз ин дидгоҳ ба сиёсатмадорон руҷӯъ мекунад? Ин ба он хотир аст, ки Халилӣ барин як нафар дар кӯраи сиёсату бозиҳои дарборӣ обутоб ёфта дарк мекард, ки ҷангу хунрезӣ фақат барои манфиат бардоштани як гурӯҳи андак аст, ки онҳо аз ҳеч кори зишт рӯй намегардонанд. Шоир метавонист, ки кирдори баъзе сиёсатмадорони роҳгумзадаро нодида бигарад, аммо дили бедори шоир ба ӯ имкон намедод, ки ба роҳатӣ аз ин фикр бигзарад:

***Ин дили бедори ман бепарда мебинад кунун,***
***Он чиро пӯшанд зери пардаи пиндори хеш.***
***Оташе аз ҷанг афрӯзанд ҳар дам дар ҷаҳон,***
***Ин сиёсатпешагони шум бо афкори хеш. [22, 45]***

Халилӣ фиребкорию ҳила ва тазвири сиёсатмадоронро хеле сахт накӯҳиш мекунад:

***Пеши мо аз оштӣ лофанд, аммо дар камин ,***
***Гармтар созанд ҳар дам арсаи пайкори хеш. [22, 81]***

Ӯ ашъори зиёди дигаре ҳам ба ин мавзӯъ дахл карда, дар бораи зулму беадолатӣ ва маҳрумияти мардум дорад, ки «Гиребони бенаво», «Фақри гуруснагон» ва «Нолаи хоркан» аз он ҷумлаанд. Халилуллоҳи Халилӣ дар ин гуна шеърҳо ба мушкилоте, ки аксари давлатҳои Шарқи исломӣ тавассути омилҳои беруна гирифтор гардидаанд, ва роҳҳои халосӣ аз онҳоро наёфтаанд, ба назари интиқод менигарад ва орзу мекунад, ки ҳар чи тезтар ин мардум аз ин гуна вартаҳо бираҳанд.

Фасли шашуми боби дувуми рисола **“Ситоиши муҷоҳидин ва размандагон”** номида шудааст ва дар ин фасл ашъори ба муҷоҳидон бахшидаи шоир баррасӣ шудаанд, ки дар девони ӯ зиёданд. Аз нигоҳи Халилӣ ин муҷоҳидони роҳи ҳақ ҷуръанӯшони хумхонаи тавҳид ва шерони душманшикори сипоҳи паёмбар ҳастанд:

***Сарфарозони сипоҳи Аҳмаданд,***
***Ҷуръанӯшони шароби сармаданд. [22, 33]***

Ӯ дар шеъре бо номи “Суруди муҷоҳид” размандагонро муайид ба қудрати илоҳӣ медонад ва эшонро бозуи тавонои миллат мехонад:

***Мо муҷоҳиди ҳақем, қудрати Худо бо мост,***
***Ҳар куҷо, ки рӯ орем, дасти кибриё бо мост.***
***Мо ба пайкари миллат бозуи тавоноем***
***Эътимоди имрӯзем, ифтихори фардоем. [21, 421]***

Ситоиши Халилӣ аз размандагон ба рӯзҳои оғозини инқилоби исломии Афғонистон боз мегардад, ӯ ба ҳангоми иқомат дар Ню-Ҷерси ва пеш аз муҳоҷират ба Покистон дар ситоиши размандагон мегӯяд:

***Эй барҳанапо, сарву сарафроз туӣ, ту,***
***Сардору сазовор ба ҳар ноз туӣ, ту.***
***Душманшикану фотеҳу сарбоз туӣ, ту***
***Фармондеҳи ин хок аз огоз туӣ, ту.***
***Ғайр аз ту касе нест дар ин марзи куҳан, вой***
***Эй вой, Ватан вой, ватан вой!*** [21, 224]

**Фасли ҳафтуми** боби дувуми рисола **“Баёни масоиб ва душвориҳои ҷанг”** ном дорад. Ҷанг аз падидаҳои балохезу мусибатбори олам аст, ки анбӯҳе аз куштаву вайронӣ бар ҷой мениҳад. Афғонистон ҳам аз кишварҳоест, ки ба далели мавқеияти ҷуғрофиёии хоси худ таърихи пур аз ҷангро пушти сар ниҳодааст. Гаҳ Сикандар, гаҳ араб, гоҳе муғул ва ғ. бо ангезҳои гуногун бад-ин кишвар ҳуҷум овардаанд ва раҳоварди ин таҳоҷум муште ятиму бевау хонавайроншуда ва мазраа ба оташ кашида будааст. Халилӣ ҳуҷуми бераҳмонаи русҳо ба кишвари хешро чунин тасвир мекунад:

***Ба ҳар ҷо наъраи такбиру чодарҳои хунафшон,***
***Яке дар шуълаҳо сӯзон, яке дар мавҷи хун ғалтон.***
***Якеро теғ бар сина, якеро тир бар чашмон,***
***Якеро дар ҷигар ханҷар, якеро дар даҳон пайкон. [21, 189*** ]

Ҷанг зану марду пиру ҷавон намешиносад, ҳамаро ба хоку хун мекашад:

***Чи духтарон, ки ба хуни сурх карда зулф сиёҳ,***
***Ба ҷойи он ки биёлоядаш ба мушку абир.***
***Чи кӯдакон, ки супурданд тан ба панҷаи марг,***
***Вале ҳанӯз лаби худ нашустаанд аз шир. [20, 178]***

Шоир иди мусибатзадаро ба модари доғдида чунин табрик мегӯяд:

***Муборак бод ид он модареро,***
***Ки фарзандаш ба хун ғалтида имрӯз.***
***Ба ҷойи рӯйи гарми тобнокаш,***
***Ба зорӣ марқадаш бӯсида имрӯз. [20, 83]***

Ингуна шеърҳо, ки баёнгари проблемаҳои ҷанг дар кишвари Афғонистон мебошанд, дар девони Х.Халилӣ зиёданд ва ӯ ҳамчун як нафар шаҳрванди ин кишвари ҷангзада дар ашъори худ ин мушкилоте, ки ба сари мардуми Афғонистон омадааст, бо ашки дидаву хуни дил иншо намудааст.

**Фасли ҳаштуми** боби дувуми рисола **“Интиқоди ихтилофоти қавмӣ ва мазҳабӣ”** унвонгузорӣ шудааст. Ихтилофоти фирқа ва қавмӣ яке аз буҳронҳои ҳамешагӣ дар кишвари Афғонистон будааст. Бадбахтона, дар

тӯли даҳаҳои ахир ин бухрон аз сӯи сиёсатмадорони душманпарвар ба шиддат доман задааст. Ба ҳар сурат, чунончи шоир таъкид мекунад: дар Афғонистон қавмиятҳои гуногун назири тоҷик, ӯзбак, паштун, туркман, ҳазора ва... зиндагӣ мекунанд, ки ин танаввӯъи қавмӣ дар тӯли таърих заминаи муносиберо барои тафриқаафкании истеъморгарон фароҳам сохтааст. Халилуллоҳи Халилӣ дар байти зер ба сиёсатҳои истеъмор дар тафриқаафканӣ ишора мекунад:

***Ҳазора кист, паштун кист, тоҷик чист, ӯзбак чист?***
***Асоси фирқабозиҳои истеъморро бишкан. [ 20, 95 ]***

Дар байти боло шоир ба равшании далел ин тафриқаҳо ва душманиҳои ақвомро дар кишвар «истеъмор» медонад ва мефармояд, ки мо бояд яке шавем ва ин асосро бишканем. Дар намунаи зер ҳам шоир зимни ишора ба нақши истеъмор дар тарсими ҷуғрофияи сиёсии меҳани худ миллатро аз тафриқа ва ташаттут наҳй мекунад:

***Вой аз миллате, ки дасти қурун,***
***Карда аҷзояшон ба ҳам мақрун.***
***Шавад он ӯзбак, ин дигар тоҷик,***
***Он яке дур ва он дигар наздик.***
***Ин ду-се хати ботили мавҳум,***
***Чанд бошад ба магзи мо марқум... [20, 183]***

Халилӣ бо он ки пайрави мазҳаби омма аст, аз изҳори иродат нисбат ба хонадони имомат худдорӣ накардааст, дар девони ӯ абёти бисёре дар ситоиш аз Алӣ [а] вуҷуд дорад. Халилӣ дар боби зарурати ваҳдати мусулмонон мегӯяд:

***Бар мусулмонон магар аз дин ҳимоят фарз нест?***
***Пайрави тавҳидро бо ҳам садоқат фарз нест?***
***Баҳри ин номуси узмо дарси гайрат фарз нест?***
***Дар ҷиҳоди ҳақ магар бар мо ухувват фарз нест ? [20, 418]***

**Фасли нуҳуми** боби дувуми рисола **“Интиқод аз беадолатии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ”** номида шудааст. Халилӣ шоирест, ки бо бофти иҷтимоӣ ва сохтори ҷомеа ошноии комил дошт ва медонист, ки истибдод фазои ҷомеаро тираву тор сохта ва ҳеч қишре нест, ки захме аз теғи масоиб бар тан надошта бошад. Идомадиҳандаи ин маънӣ маснавии «Хитоб ба мутааллимини Ҳирот» мебошад:

***Эй гули наврастаи омоли мо,***
***Меҳри дурахшандаи иқболи мо…***
***Чашми ватан сӯи ту умедвор,***
***Шавкати ин қавм ба ту устувор… [20, 477]***

Х. Халилӣ болои ин нукта тааммул мекунад, ки агар бо пои фикру ҳиммати хеш ҳаракат накунем, дигарон моро бар вафқи муроди хеш хоҳанд кашонд:

***Роҳи худ рав, ки раҳравон рафтанд,***
***На чунон рав, ки дигарон рафтанд…***
***Роҳ дур аст, пеш боядат рафт,***
***Лек бо пои хеш боядат рафт. [20, 468]***

Шоир фарзандони ватани худро ба масъулиятҳои бузурги иҷтимоӣ ошно месозад ва онҳоро такони бедорӣ медиҳад, ки ояндасозони ҷомеа шумоед ва бо чунин сатрҳои оташин мухотаб қарор медиҳад:

***Эй хуш он кас, ки дар ин коргаҳи саъю амал,***
***Риштаи умр танад, то ба каф орад торе….***
***Ҳашмати мулк бувад баста ба бедории қавм,***
***Вой аз он дор, ки дар вай набувад бедоре. [20, 482]***

Мавзӯи беадолатии иҷтимоӣ хоси тамоми адабиёти олам аст ва хусусан ин мавзӯъ дар ашъори Х.Халилӣ мақоми вежа дорад, чунки ин шоири муборизи аз замони кӯдакӣ то вопасин рузҳои умраш ҳамвора бо беадолатии иҷтимоӣ мувоҷеҳ гардида, сахтиҳоро ба чашми сари худ дида, ин мушкилотро дар қалби худ эҳсос кардааст.

**Фасли даҳуми** боби дувуми рисола **“Ҷанбаи муқовимат дар осори Халилӣ”** ном дорад. Х. Халилӣ ва пайвастани ӯ ба сафи муҷоҳидон алайҳи ҳокимони режими коммунистӣ ба ваҷоҳати онон афзуд ва тавонист бинои шеъри муқовимати Афғонистон дар хориҷ аз кишварро поягузорӣ кунад. Шеъри «Наврӯзи оворагон»-и ӯ дар қолаби оҳанг даромад ва тавассути хонандагони муҳоҷир хонда шуд ва ин албатта дар эҷоди рӯҳияи зиддидавлатӣ дар мардум беасар набуд:

***Гӯед ба Наврӯз, ки имсол наояд,***
***Бар кишвари хунинкафанон дар накушояд.... [20, 82]***

Ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ашъори муқовимати шоирро нодида гирифт, ки ин як саҳифаи таърихи мардуми Афғонистон дар сангарҳои мубориза барои озодӣ маҳсуб мешавад. Ӯ то солҳо шохистарин шоири муқовимати Афғонистон буд ва номовартарини онҳо бо шеърҳое аз ин даст:

***Ватандори далери ман, бинозам чашми мастатро,***
***Ватан дар интизори бозуи кишваркушои туст!***
***Нигоҳи орзуманди ватан сӯи ту мебинад,***
***Ки рӯзи имтиҳони ханҷари ҷангозмои туст…. [22, 457]***

Ҳарчанд шеъри муқовимат дар адабиёти муосири Афонистон собиқае дорад, вале он дар эҷодиёти Халилӣ мақоми хосса дорад. Х.Халилӣ ва дигар ҳамсафони ӯ дар солҳои мушкили ҷанг ва муқовимати дохилӣ дар муҳоҷират барои мардуми мубориз, ки барои рифоҳияти Афғонистон дар сангарҳо меҷангиданд, онҳоро рӯҳбаланд мекард ва баён медошт, ки ватан аз онҳо умеди пирӯзӣ дорад.

**Фасли ёздаҳуми** боби дувуми рисола **“Шарҳи ранҷи ғурбат ва баёни мушкилоти муҳоҷират”** номгузорӣ шудааст. Яке аз мавзӯъҳое, ки

баёнгари дарди дили шоир аст, ин масъалаи ғурбат ва муҳоҷирати ҳаммеҳанони ӯст. Яке аз сурудаҳои шоир ин маснавии «Бо худ ва бо ҳамватанони овораи Амрико» мебошад, ҳамон хиттае, ки шоир низ чанд сабоҳеро дар он сипарӣ мекунад:

***Ман дар ин бегона шаҳри ношинос,***
***Сӯхтам дар оташи дарду ҳарос.***
***Бекасам, бемӯнисам, бечораам,***
***Нотавонам, аз ватан овораам. [22, 340]***

Шоир дар Амрико, хиттае, ки номаш дили басе аз «равшанфикронро» ба таппиш вомедорад – зиндагӣ менамояд, вале ишқи ширини ватан дар бесутуни дили шоир чунон сӯзофарин аст, ки муҳити дилкашро саропо оташ мебинад ва бо дард месарояд:

***Эй гиромӣ, хоки покам, эй ватан,***
***Эй фидои хор-хорат ҷони ман.***
***Гарчи хоки дигарон бас дилкаш аст,***
***Дур аз ту дар нигоҳам оташ аст. [22, 341]***

Аз ҳамин зовияи дардомез аст, ки шоир дарди дилу гуфтугӯро бо оворагони ҳамватан бо чунин лаҳне оғоз мекунад:

***Ёд меорӣ, ки будат кишваре,***
***Офтобу ахтарони дигаре?***
***Ту зи худ шаҳру диёре доштӣ,***
***Сабзазору кӯҳсоре доштӣ…. [22, 341]***

Х. Халилӣ дар бахши аъзам аз шеърҳояш, ба хусус шеърҳое, ки дар даврони муҳоҷират сурудааст, ба шарҳи ранҷу ғурбат ва баёни мушкилоти дурӣ аз ватан пардохтааст, ки ин бахш аз шеърҳои вай хеле сӯзноку пурэҳсос аст, ӯ устодона аз уҳдаи баёни ин дардҳо баромадааст.

Аз таъсиргузортарин ашъори Халилӣ дар шарҳи ғурбат қасидаест, ки шоир дар иқтифои табъиди Юмгон суруда ва матлаи он чунин аст:

***Ҳар дам занад бар раги ҷон ништар маро,***
***Оворагӣ аз ин чӣ кунад бештар маро. [ 21, 33]***

Ранҷи оворагӣ, ранҷи бекасӣ, ранҷи фақр, ранҷи ҳасрат, дарду доғи ҷонгудози беҳадду ҳисоб, ки бераҳмона рӯҳу ҳастии мардуми Афғонистон, ба хусус шоирро ба муҳосира кашидаанд, ки нолаашро ҷонгудозтар месозад:

***Ҳар дам занад ба раг-раги ҷон ништар маро,***
***Оворагӣ аз ин чӣ кунад бештар маро.***
***Ин чархи сифлахӯ, ки ба ҳар дар нишастааст,***
***Охир нишонад ҳамчу худаш дар ба дар маро. [20, 86]***

Х.Халилӣ, ки солҳои зиёд дар муҳоҷират ва ғурбат зистааст, мушкилоти ин мавзӯъро хубтар донистааст ва дар лобалои ашъори зиёд ин масъалаҳоро матраҳ кардааст.

**Хулосаи** тадқиқоти мавзӯъро метавон чунин гурӯҳбандӣ кард:

1.Халилуллоҳ Халилӣ аз нахустин шоиронест, ки шеъри муосири дариро аз нигоҳи мӯҳтаво ва шаклу дарунмоя навигарӣ ва тозагӣ бахшидааст. Ашъори ӯаз шеъри дигар ҳамасронаш бо вусъати андеша, фарогирии мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумлаи ватандӯстӣ, ахлоқ, дин, маърифат, ҳамоса ва андешаҳои лирикӣ хеле ғанӣ буда, аз нигоҳи шакл, жанрҳои адабӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ вежагии махсус дорад.

2.Аз нигоҳи муҳтаво ашъори Халилуллоҳи Халилӣ бештар ғиноӣ ва ҳамосӣ аст, ки дар лобалои ин ашъор баёни сӯзу гудози ошиқона, лаззатбахшии ишқ, васлу ҳиҷрон, тааммулоти орифона, ниёишҳои зоҳидона ва кӯшишу ҷадали ватандӯстона, муҳаббат ба ҳар зарра хоки ватани шоир Афғонистон, муҳорибаҳо дар сангарҳо ва ғайра бо як диди хоси шоирона матраҳ ёфтаанд.

3.Х. Халилӣ дар эҷоди анвои мухталифи шеъри форсии дарӣ, аз ҷумла, дубайтӣ, рубоӣ, таркиббанд, қитъа, ғазал, қасида ва маснавӣ дасти тавоное дорад ва ба суннати шеъргӯии шоирони салафи адабиёти форсии дарӣ, хусусан Абдулқодири Бедил эҳтироми хосса дорад. Аммо ин суннатгароии ӯ пайравии муқаллидона нест ва дар ин росто ӯ сабку баёни вежаи худро дорад, ки махсуси эҷодиёти ӯст.

4.Дар эҷоди шеър Халилуллоҳи Халилӣ шоири тасвиргаро ва маъниофарин аст, ки ибтикороти Халилӣ дар мазмун ва маъниофаринӣ бештар ба назар мерасад. Дар эҷодиёти Халилӣ шеъри нимоӣ мавқеъ дорад ва метавон ӯро оғозгари шеъри Нимоӣ дар Афғонистон ҳисобид.

5.Х.Халилӣ дар адабиёти муосири Афғонистон ҳамчун шоири машҳури қасидасарост, ки ба ин нукта донишмандони адабиётшиноси форсӣ- дарӣ Саид Нафисӣ, Восифи Бохтарӣ, Салоҳиддини Салҷуқӣ, Абдулғафури Орзу қоиланд ва мо низ ҷонибдори ин андешаем. Х.Халилӣ дар қасидаҳои худ масъалаҳои иҷтимоии Афғонистонро бо назари таҳлилӣ баррасӣ кардааст.

6.Х. Халилӣ дар ашъори худ мушкилоти мардуми Афғонистонро ҳамчун шоири баёнгари проблемаҳои иҷтимоӣ ба қалам дода, шеъри ӯ бозгӯи нишонаҳои аввалини шеъри муқовимат дар адабиёти муосири Афғонистон аст. Шеъри муқовимат, ки минбаъд дар Афғонистон густариш ёфта ба як мактаби тавоно табдил ёфт, маҳз аз ашъори Халилуллоҳи Халилӣ оғоз мегирад.

7.Ҷанбаи иҷтимоии ашъори Х.Халилиро мавзӯъҳои ватану ватандӯстӣ, мақоми зан-модар, маориф, даъват ба иттиҳод, мубориза бо тафриқа, интиқод аз сиёсат, ситоиши муҷоҳиддин ва размандагон, баёни душвориҳои ҷанг, беадолатиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, интиқоди

ихтилофоти қавмиву мазҳабӣ, муқовимат, шарҳи ранҷи ғурбат ва мушкилоти муҳоҷират ташкил медиҳад.

8.Пажӯҳиши ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар густариши адабиёту ҳунар, ҷасорату ватандӯстӣ ва ҳалли масъалаҳои мубрами зиндагӣ, аз ҷумлаи даъват ба иттиҳод ва мубориза бо тафриқа, ривоҷу равнақи маориф ва таълиму тарбия, интиқод аз сиёсати нодуруст, хотимаи ҷанг, барҳам задани ихтилофоти қавмиву мазҳабӣ ва беадолатии иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти муҳоҷират ва ғайра аз моҳияти бузурги илмӣ бархурдор аст, ки дар рисола ин масъалаҳо бо як низоми муайян баррасӣ шудаанд.

9.Масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамчун аз мавзӯъҳои меҳварии ашъори шоир дар дубайтиҳо, рубоиҳо, қитъаҳо, ғазалҳо, қасидаҳо, маснавиҳо, манзумаҳо ва дигар анвои шеъри Халилуллоҳи Халилӣ таҷассуми воқеии худро ёфтаанд.

10.Халилуллоҳи Халилӣ аз сухансароёни донишманди маҳбуби садаи бистуми форсӣ- дарист, ки бо ашъори дилангезу таъсирбахши худ як марҳилаи хосеро дар адабиёти муосири Афғонистон ба вуҷуд овардааст, ки омӯзишу пажӯҳиши ҳамаҷонибаи маънишиносиву матншиносии ашъори ӯ баррасии бештарро тақозо дорад.

**Адабиёти истифодашуда:**


1.Асозода Х. Адабиёти садаи XX-и форсии тоҷикӣ /Х.Асозода. – Душанбе,1996. -161 с.

2.Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он /Х.Асозода.- Душанбе:Маориф, 1991. -127 с.

3.Барзинмеҳр, Ғанӣ. Амсолу ҳикам ва бархе ихтисосоти лафзиву маънавӣ дар шеъри устод Халилуллоҳи Халилӣ. Чопи Асади Дониш.- Кобул, 1391.-201 саҳ.

4.Бехруз Назармухаммад Поэтические мастерство Халилуллоха Халили /Назармуҳаммад Б. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандадата филологических наук. –Душанбе, 2016.- 23 стр.

5. Бохтарӣ, Восиф. Дирӯз, имрӯз ва фардои шеъри Афғонистон /В.Бохтарӣ. -Шумораи 12. -Маҷаллаи «Кобул» , обони 1373 ҳ.ш.

6.Герасимова А.С., Гирс Г. Ф., Дворянков Н.А., Дорофеева Л.Н. Общественные мотивы в современной литературе Афганистана /А.С.Герасимова. -Москва, 1961. -234 с.

7.Герасимова А., Гирс Г. Литература Афганистана (Краткий очерк) /А.С.Герасимова. –Москва:Изд-во «Восточная литература», 1963.-193 с

8.Клифорд, Мэри Луис. Сарзамин ва мардуми Афғонистон. Тарҷумаи Муртазо Асъадӣ /М.Л.Клифорд. Ҷ. 2. –Теҳрон: «Илмӣ ва фарҳангӣ», 1386 ҳ.ш.

9.Краткая история литературы Ирана, Афганистана и Турции. – Ленинград: Изд.-во Ленинградского университета, 1971.- 546 с.

10.Кухтина Т.И. Просвещение в независимости Афганистана /Т.И.Кухтина. -Москва, 1960. -234 с.

11.Қавим, Абдулқаюм. Муруре бар адабиёти муосири дарӣ. Интишороти Саид.-Кобул, 1387.-204 саҳ.

12.Мавлоӣ, Муҳаммадсарвар. Ба ёди Халилуллоҳ Халилӣ. Маҷаллаи «Оянда» /М.Мавлоӣ. -Кобул, 1368 ҳ.ш., шумораи 3-5.

13.Мирзоев С. Халилулоҳи Халилӣ. «Мактаби советӣ» /С.Мирзоев. -№ 11.- Душанбе, 1968.

14. Муҳаммад Сиёсӣ. "Халилӣ шоири Афғону Эрон": Бунёди мавқуфоти доктор Муҳаммади Афшор .-Теҳрон, 1389.-218 с.

15.Муслиҳ Шоҳмуҳаммад. Халилӣ қофиласолори шеъри муосири дарӣ.-Кобул, 1391.-200 саҳ.

16.Ориёсуруд. Мунтахаби ашъори устод Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Ҷаъфари Ранҷбар /Х.Халилӣ.-Душанбе, 2006 м. -838 с.

17. Орзу, Абдулғафур. Нақди Халилӣ /А.Орзу. Ҷилди аввал:Тарона.-Машҳад, 1375ҳ.ш. -816 с.

18.Саидзода Ҷ.Нигоҳе ба шеър ва мусиқии муосири Афғонистон.-Душанбе:Ирфон, 2012.-Саҳ.6-14 ва 23-31.

19.Саидов С. Прогрессивное развития поэзии на языке дари в послевоенном Афганистане /С.Саидов. Автореферат кандидатской диссертации. -Москва, 1965. -23с.

20.Халилӣ, Халилуллоҳ. Куллиёти ашъор. Ба кӯшиш ва эҳтимоми Абдулҳайи Хуросонӣ /Халилӣ. -Теҳрон: нашри "Балх", 1378 ҳ.ш. -846 с.

21.Халилӣ, Халилуллоҳ. Девони ашъор. Таҳия ва танзими Салоҳиддини Салҷуқӣ. Ба кӯшиши Муҳаммадкозими Козимӣ /Х.Халилӣ. -Теҳрон: нашри "Ирфон", 1385 ҳ.ш. -870 с.

22.Халилӣ, Халилуллоҳ. Девони ашъор. Бо муқаддимаи Муҳаммад Сарвари Мавлоӣ /Х.Халилӣ.- Теҳрон: интишороти "Ирфон", 1387 ҳ.ш. -674 с.

23. Халилӣ, Халилуллоҳ. Ориёисуруд. Ба кӯшиш ва интихоби Муҳаммад Ҷаъфари Ранҷбар.- Душанбе: Нашри ҳукумати ноҳияи Рӯдакӣ, 2006.- 305с.

24. Халилӣ, Халилуллоҳ. Ёри ошно / Халилӣ, Халилуллоҳ. Пешгуфтор ва ҳавошии Орифи Навшоҳӣ.-Душанбе, 2010.-144 с.

25. Шоирони Афғонистон. Намунаи ашъори шоирони муосири афғон. Тартибдиҳандагон Ҳ. Неъматуллоев, Р.Ҳошим. -Сталинобод :Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1958. -218 с.

26.Юсуфов Б. Жизнь и политическое творчество Халилуллоха Халили /Б.Юсуфов. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандадата филологических наук. -Душанбе, 1972.-24 с.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи КОА Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда ба чоп расидаанд:**

**1.Ҷаннатмир, С. Ҷойгоҳи зан дар ашъори Халилуллоҳ Халилӣ/ С. Ҷаннатмир //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Маҷаллаи илмӣ. (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ).-Душанбе, 2015.-№ 3 (64-2).-С.287-289.**

**2.Ҷаннатмир, С. Мафҳуми Ватан дар ашъори Халилуллоҳ Халилӣ/ С. Ҷаннатмир //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Маҷаллаи илмӣ. (бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ).-Душанбе, 2015.-№ 4 (64).-С.164-167.**

**3.Ҷаннатмир, С. Ҷанбаи муқовимат дар осори Халилуллоҳ Халилӣ/С. Ҷаннатмир //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Маҷаллаи илмӣ.(бахши илмҳои ҷомеашиносӣ, гуманитарӣ ва филологӣ).-Душанбе, 2017.-№ 5 (72). –с. 70-75.**

## Аннотация

**на диссертацию Джаннатмир Суфиё на тему “Социальная тематика поэзии Халилуллаха Халили” на соискание ученой степени кандидата филологических наук по специальности 10.01.01 – Таджикская литература**

**Актуальность темы исследования.** Одной из важных проблем литературоведения является исследование социальой тематики в творчестве литераторов. Исследование социальной тематики поэзии Халилуллаха Халили, который в своих стихах затрагивал такие темы, как патриотизм, мужество, призывал к единению и борьбе против разобщенности, к расцвету и прогрессу образования, просвещения, призывал уделять внимание воспитанию и обучению, видя тяжелые последствия войны, призывал к их прекращению, выступал против племенных и религиозных противостояний и раздоров, против социальных несправедливостей, описывал тяжелую, мучительную жизнь афганских мигрантов на чужбине и т.п., имеет большое научное значение для современной афганской дитературы. Именно в стихах этого поэта эти проблемы, насколько это было возможно, нашли свое решение. Поэтому исследование социальной тематики поэзии Халилуллаха Халили имеет большое научное и культурное значение и является основной целью исследования в данной диссертации.

Халилуллах Халили сегодня в Афганистане признан, как любимый национальный поэт, а за его пределами, как прославленный на весь Восток, мастер слова. В стихотворениях Халилуллаха Халили в естественном переплетении встречаются эпические и лирические аспекты, суфийские и светские мотивы, свидетельствующие, что это прогрессивный, ученый поэт. Во всей поэзии Халилуллаха Халили отражены все жизненные проблемы человека с точки зрения поэта, осведомленного о прошлом, сегодняшнем и будущем состоянии человека и понимающего пульс его ежедневной жизни, облаченные в красивую художественную одежду. Взгляд Халилуллаха Халили на жизнь людей доброжелательный, что является миссией реального поэта и настоящей поэзии.

Исследование творчества Халилуллаха Халили показало, что все его стихи, с точки зреня формы и содержания и языковых особенностей, являются образцом высокой поэзии, а сам он поэт – новатор. Поэтическое наследие Халилуллаха Халили отличается от поэзии его современников богатством и широтой мышления, охватом разнообразной тематики, в том числе такой, как патриотизм, этика, образование и просвещение, религия, эпика и лирические размышления. С точки зрения формы, содержания, литературных жанров и использования художественных средств украшения речи,его поэзия имеет специфические особенности, поэтому она достойна тщательного и всестороннего исследования.

Объектом исследования стала литературная среда Афганистана и социальное состояние страны в то время, предмет исследования “Диван” (сборник лирических стихов) Халилуллаха Халили. Для решения социальных проблем, отображенных в поэзии Халили, к работе было привлечено большое количество источников.

Для достижения поставленной в диссертации цели, были определены следующие задачи:

- определение достоверных дат жизненного пути поэта;
- на основе материалов поэтического наследия Халилуллаха Халили и сведений источников определить место Халилуллаха Халили в современной иранской, афганской и таджикской литературах;
- изучение особенностей произведений Халилуллаха Халили на основе списков дивана поэта;
- определение жанровых форм стихов и стиля поэта;
- конкретно определить, что Халилуллах Халили является основоположником поэзии в стиде Нима Юшича в современной литературе Афганистана;
- исследование социальных аспектов стихов Халилуллаха Халили с точки зрения тематики.

**Аннотатсия**

**ба диссертатсияи Суфиёи Ҷаннатмир дар мавзӯи «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот.** Яке аз масоили муҳими илми адабиётшиносӣ пажуҳиши ҷанбаи иҷтимоии ашъори суханварон мебошад. Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ дар густариши адабиёт, ҳунар, ҷасорату ватандӯстӣ, ҳалли масъалаҳои мубрами зиндагӣ, даъват ба иттиҳод ва мубориза бо тафриқа, ривоҷу равнақи маориф ва таълиму тарбия, хотимаи ҷанг, барҳам задани ихтилофоти қавмиву мазҳабӣ ва беадолатии иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти муҳоҷират ва ғайра дар адабиёти муосири Афғонистон аз моҳияти бузурги илмӣ бархурдор аст. Маҳз дар ашъори шоир ин масъалаҳо то ҷои имкон роҳи ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқ намудани ҷанбаи иҷтимоии ашъори Х. Халилӣ аҳамияти баланди илмӣ ва фарҳангӣ дорад, ки аз ҳадафҳои аслии рисолаи тадқиқотӣ аст.

Х.Халилӣ имрӯз дар Афғонистон ба унвони шоири маҳбуби миллӣ ва берун аз он ҳамчун суханвару сухансарои машҳури Шарқ эътироф гардидааст. Дар шеъри Х.Халилӣ ҷанбаҳои ҳамосиву лирикӣ, ирфону дунявӣ дар ҳамбастагӣ ба назар мерасад, ки аз шоири донишманд ва пешкисват будани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Дар лобалои шеъри Х.Халилӣ кулли масъалаҳои рӯзгори инсонӣ ба назару нигоҳи як шоири огоҳ аз гузаштаву имрӯз ва ояндаи инсон ва дарки дурусти набзи зиндагии ҳаррӯзаи он дар либоси зебои бадеӣ ба зевари табъ кашида шудааст. Назари Х.Халилӣ ба рӯзгори инсонҳо некбинона аст, ки ин рисолати шоири воқеӣ ва шеъри асил аст.

Таҳқиқи эҷодиёти Х.Халилӣ нишон медиҳад, ки кулли ашъори ӯ аз нигоҳи шаклу мазмун ва дороиҳои забонӣ намунаи шеъри баланд аст ва худи ӯ шоирест навҷӯву навгӯй. Ашъори Х.Халилӣ аз шеъри дигар ҳамасронаш бо вусъати андеша, фарогирии мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла ватандӯстӣ, ахлоқ, маърифат, дин, ҳамоса ва андешаҳои лирикӣ ғанӣ буда, аз нигоҳи шакл, мундариҷа, жанрҳои адабӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ вежагии махсус дорад ва сазовор бар тадқиқоти арзанда аст. Ба сифати объекти таҳқиқ муҳити адабии Афғонистон ва фазои иҷтимоии он мавриди омӯзиш қарор гирифта, предмети таҳқиқ «Девон»-и ашъори Х.Халилӣ аст. Барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии дар ашъори шоир баррасишуда сарчашмаҳои зиёд низ ба пажуҳиши илмӣ фаро гирифта шудаанд.

Барои расидан ин ҳадафҳо вазифаҳои зерин дар маркази ин пажуҳиш гузошта шудаанд:

- муайян кардани санаҳои дурусти рӯзгори шоир;

-дар асоси маводи осори шоир ва иттилои сарчашмаҳо муайян кардани мақоми Х.Халилӣ дар адабиёти муосири форсии дарии тоҷикӣ;

-омӯзиши вежагиҳои осори Халилӣ дар асоси нусхаҳои девони ашъори шоир;

-муайян кардани қолабҳои шеърӣ, сабки баён;

-мушаххас намудани ин нукта, ки Халилӣ оғозгари шеъри Нимоӣ дар адабиёти муосири Афғонистон аст;

-таҳлили ҷанбаи иҷтимоии ашъори Х.Халилӣ аз нигоҳи мавзӯъ.

**Annotation**
**on dissertation of Dzhannatmir Sufiyo about "Social thematic of Khalilullah Khalili's poetry" for the degree of candidate of philological sciences, 10.01.01 – Tajik Literature**

**Topicality of research issue.** One the main problems of literature study is the research of social thematic in the creative works of literary experts. Research of social thematic of poetry of Khalilullah Khalili who in his poets dealt with topics such as patriotism, courage and called on unity and struggle against disunity, education growth and progress and called on to pay attention on upbringing and education, seeing heavy consequences of the war he called on to stop it, came out against tribal and religious conflicts and fractions, social injustices, described heavy and painful life Afghan migrants in a foreign land. The research has a great scientific importance for the contemporary Afghan literature. Just in the poems of this poet the aforesaid problems have been solved. That is why research of the social thematic of the poetry of Khalilullah Khalili has a great scientific and cultural importance and is a main aim of research in this dissertation.

Today Khalilullah Khalili in Afghanistan is recognized as a favorite national poet, beyond it and around the East as a famous poet and master of word. There are epic and lyrical aspects and motives in the poems of Khalilullah Khalili which indicate that he is a progressive scholar and poet. All vital problems of mankind are reflected in all poems of Khalilullah Khalili from the point of view of the poet who was aware of the past, present and future condition of the mankind and the pulse of his daily life that created by means of beautiful artistic words. Khalilullah Khalili's view towards people's lives is benevolent, which is the mission of a real poet and poetry.

The study of Khalilullah Khalili's creative works showed that all his poems from the point of view of form, content and language features are a model of high poetry and he himself is an innovator. Khalilullah Khalili's poetic heritage differs from the poetry of his contemporaries with richness and breadth of thought, coverage of a variety of subjects, including patriotism, ethics, education and enlightenment, religion, epic and lyrical reflections. From the point of view of form, content, literary genres and the use of artistic means for decorating speech, his poetry has specific features, and therefore it is worthy of detailed investigation.

The object of the research is a literary environment of Afghanistan and the social state of the country on that time, as for the subject of the research is

«Divan" [a collection of lyrical poems] of Khalilullah Khalili. To solve social problems reflected in the poetry of Khalili, a large number of sources were involved in the work.

To achieve the objectives set in the dissertation, the following tasks were defined:

- determination of reliable dates of the poet's life;
- determination of the place of Khalilullah Khalili in modern Iranian, Afghan and Tajik literature
- on the basis of the materials of the poetic heritage of Khalilullah Khalili and existing sources of information;
- study of the peculiarities of Khalilullah Khalili's works on the basis of the lists of the poet's divans;
- definition of genre forms of poems and poet's style;
- specific determination of the fact that whether Khalilullah Khalili is a founder of poetry in the style of Nima Yushic in the contemporary literature of Afghanistan or not;

researching of the social aspects of Khalilullah Khalili's poems based on their subject matters